| 2.Срок подготовки документов, необходимых для прохождения всех процедур, связанных с перемещением товара через таможенную границу (дней) | Импорт | 25 | 15 | 7 |
| | Экспорт | 25 | 15 | 7 |
| 3.Время прохождения таможенных формальностей для товаров, которые не подлежат дополнительным видам госконтроля и не идентифицированным как рисковые поставки, требующие дополнительной проверки (часов) | Импорт | 96 | 24 | 2 |
| | Экспорт | 72 | 24 | 2 |

**Источник:** составлено автором по результатам проведенного мониторинга в таможенных постах Таджикистан за 2015-2023гг.

Из таблицы 5, видно, что количество документаций, которые требуют для пропуска товара через таможенную границу при импорте уменьшились в 2,10 раза, а при экспорте в два раза, время для подготовки документаций для прохождения имеющих процедур, то есть перемещение товара через таможенную границу при импорте и экспорте в 3,6 раза, также процедура таможенных формальностей для товаров, при импорте- 48,0 раза, при экспорте - 36,0 раза.

По мнению автора, внедрении системы «Единого окно» с учетом перспективного развития интегрированного контроля должны предусматривать: имплементация системы Единого окна с единой автоматизированной информационной системы таможенных органов Республики Таджикистан; полный переход на электронную систему таможенного оформления; автоматизация этапов прохождения товаров и транспортных средств на пограничных пунктах пропуска; постепенный переход контрольных функций, проведения таможенного оформления и контроля товаров и транспортных средств и др. Используя выделеные критерии в диссертации предложены приоритетные направления совершенствования проведения таможенного контроля товаров в Республике Таджикистан период до 2030 года.

Автором установлено, что в Республике Таджикистан не используется логистический подход при осуществлении экспортно-импортных отношений, а только осуществляются некоторые логистические функции для минимизации затрат в процессе перемещения товаров через таможенную границу, а также на решение фискальных и правоохранительных задач.

Поэтому в диссертации уточнены принципы развития логистической организации таможенного дела и предложены основные направления с целью создания терминалов, расположенных в пунктах пропуска автомобильного транспорта через таможенную границу.

В диссертации дана характеристика тенденции изменения показателей, характеризующих параметров и их прогноз на период до 2030 года по осуществлению таможенных операций с целью проведения таможенного оформления и контроля товаров, созданию условий для обеспечения цифровизации функционирования таможенных органов и их подразделений, повышению результативности проведения ТК и создание требуемых условий для осуществления транзита через таможенную территорию, осуществлению таможенного контроля на основе выборочного метода, оценки СУТР, роста эффективности принимаемых решений о выпуске товаров в страну, совершенствованию процесса осуществления таможенного контроля ТиТС до и после выпуска товаров, повышению эффективности работы по борьбе с коррупцией и правонарушениями в таможенных органах

Таджикистана.

На основе использования механизма упрощенности таможенных процедур и пропускной способности вводимых в эксплуатацию международных автомобильных пунктов пропуска через таможенную границу, предложены обоснованные нормы время для проведения таможенного оформления и контроля ТиТС и транзитных товаров, а также обеспечения информационной прозрачности работы таможенных подразделений в условиях Таджикистана.

В целом, развитие системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств позволяет обеспечить экономический рост, а также эффективно использовать имеющиеся ресурсы, улучшить экспортно-импортные отношения, защитить экономическую безопасность при реализации НСР-2030 года.

## ВЫВОДЫ И РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ПРАКТИЧЕСКОМУ ИСПОЛЬЗОВАНИЮ РЕЗУЛЬТАТОВ ИССЛЕДОВАНИЯ

1. Сейчас в условиях активизации глобализации значительно возрастает место и значение таможенной службы по социально-экономическому развитию национальной экономики, защиты экономических интересов и обеспечения экономической безопасности в Таджикистане. Эти задачи могут быть решены на основе развития системы осуществления таможенного контроля ТиТС. Учитывая это, в диссертационном исследовании изучены и уточнены теоретико-методические основы организации управления таможенного контроля в условиях развития системы предоставления таможенных услуг. По мнению автора, осуществление таможенного контроля проводится на основе рационального использования материальных, трудовых и информационных ресурсов, что способствует решению приоритетных задач, стоящих перед таможенными органами [1-А, 2-А, 3-А, 8-А, 11-А, 12-А, 13-А].

2. По мнению автора, важным считается исследование зарубежного опыта проведения таможенного контроля. Поэтому в диссертации изучен зарубежный опыт и предложены конкретные рекомендации по его использованию в условиях таможенных постов Республики Таджикистан, как на пограничных, так и на внутренних постах, используя электронную и цифровую технологию. При этом выделены важнейшие компоненты механизма таможенно-тарифного регулирования в республике, а также уточнены стандартные правила для осуществления ТК [3-А, 7-А, 9-А, 11-А, 12-А].

3. В диссертации исследованы и выявлены особенности осуществления таможенного контроля товаров и транспортных средств в условиях рыночных отношений. Поэтому в работе выявлены такие особенности таможенного контроля:

- в условиях Таджикистана ТК включает совокупность мер, реализуемых по ТК. Однако понятие ТК не конкретизировано и имеет выборочный характер, зависящий от направления таможенного администрирования, деятельности участников ВЭД, перемещаемых товаров и различных внутренних и внешних факторов;
- вторая особенность связана с наличием мер, проводимых таможенными органами выделяя формы, механизмы, средства и способы осуществления таможенного контроля;
- следующая особенность таможенного контроля заключается в комплексном подходе его проведения;
- четвертая особенность связана с результативностью проведения таможенной проверки на основе обязательного учета важности и своевременности контроля после выпуска товаров;
- пятая, - указывает, что формы проведения ТК бывают в бумажном или в электронном носителе;
- шестая –предусматривает использования техсредства, ИКТ, а также различные транспортные средства для осуществления таможенной службы [1-А, 3-А, 5-А, 8-А, 10-А, 11-А].

4. На основе изучения особенностей, в диссертации выявлены проблемы таможенного контроля. Важным для решения существующих проблем в области

организации таможенного контроля ТиТС считается сбор и перечисление таможенных платежей в доход госбюджета Таджикистана.

При этом важным также считается нахождение вариантов действий по совершенствованию организации совместного ТК таможенной службы Республики Таджикистан, Кыргызстан, Узбекистан, Афганистан и Китай и развитию транспортных коридоров в стране [3-А, 7-А, 8-А, 10-А, 11-А].

5. В диссертации проведен анализ и оценено современное состояние развития системы таможенного контроля ТиТС в Таджикистане. Установлены основные негативные моменты препятствующие развитию существующей системы осуществления таможенного контроля в подразделениях таможенной службы в региональном разрезе.

Особое место в диссертации уделено изучению времени выпуска товаров при ТК в ПП пропуска и таможенных терминалах республики. Изучение времени выпуска в Таджикистане проводилось в срок 10 дней на ППГ «Дусти, Гулистон и Нижный Пяндж», а также на терминалах «Ашт, города Душанбе, Худжанд и Турсунзаде» [3-А,4-А].

Основной целью исследования время считается достижение результативности осуществления таможенных и других процедур при импорте и экспорте грузов, выполнение обязательств по оптимизации внешней торговли. На основе полученных результатов, предложены конкретные варианты действий по улучшению выпуска товаров в пунктах перехода через границу и таможенных терминалах региональных управлений [1-А, 3-А, 5-А, 8-А, 10-А, 12-А,13-А].

6. Используя систему массового обслуживания, в диссертационной работе проведено экономико-математическое моделирование таможенного контроля ТиТС в подразделениях таможенной службы (постах). Апробация разработанной модели проведена на таможенном посту Нижний Пяндж. Использование полученных результатов способствует снижению суммарных затрат при их осуществлении, а также улучшению качества оказания таможенных услуг субъектам внешнеэкономической деятельности страны при перевозке грузов автомобильном транспортом [4-А, 8-А, 10-А,11-А].

**Б) Рекомендации по практическому использованию результатов**

1. На основе проведённого исследования в диссертации сформирована стратегия развития организации таможенного контроля, а также совершенствована логистическая организация таможенного дела и оптимизации осуществления таможенного контроля, уточняя принципы логистики и таможенной переработки перемещаемых товаров, а также использования техсредства ТК на основе проведенного опроса среди сотрудников таможенных органов в Душанбинском Турсунзадевском, Согдийском, Хатлонском, Горно-Бадахшанском региональными таможенными управлениями и в целом по Таможенной службы при Правительстве страны.

По мнению автора, в этих условиях важным является создание инфраструктуры таможенных органов, отвечающим условиям и требованиям рыночной системы. При этом важным считается:

- обоснование и разработка направлений улучшения деятельности подразделений РТУ;
- формирование СВХ для переработки грузов при их перевозки автомобильным и железнодорожным транспортом;
- развитие системы беспошлинной торговли и реализации товаров, обращённых в государственную собственность;
- создание платных автостоянок и АЗС в пунктах пропуска автомобилей, оказания различных коммерческих услуг;
- совершенствование механизма подготовки и переподготовки декларантов, брокеров, оказания коммерческих информационно-консультационных услуг и др. [1-А, 5-А, 6-А, 9-А, 11-А].

2. В диссертационной работе автор считает, что в целом совершенствование таможенной переработки товаров на основе логистической организации предоставления

таможенных услуг, требует создания транспортных терминалов, расположенных в пунктах пропуска таможенных границ [1-А, 7-А,11-А].

3. В условиях развития рыночных отношений важность и значимость совершенствования таможенного контроля считается востребованной и актуальной. В связи с этим, в диссертационной работе автором проведены экспериментальные расчеты, выполнен прогноз, обоснованы и предложены направления развития таможенного контроля ТиТС, улучшения качества услуг и важности вхождения Таджикистан в «Таможенный союз стран ЕАЭС до 2030 года». Поэтому предлагаем такие направления:

- Организация управления проведения таможенных операций с целью эффективного проведения таможенного оформления и контроля, применяя электронное декларирование и средства цифровизации.
- Улучшение информационной прозрачности в работе таможенной службы и подразделений региональных таможенных управлений.
- Развитие организационно-экономического механизма проведения контроля и формирование требуемы условий при таможенном транзите грузов через территорию страны.
- Проведение выборочного контроля с применением СУТР, техсредства ТК, эффективности принятия решений о выпуске товаров в территории страны.
- Развитие системы осуществлении таможенного контроля товаров и транспортных средств до и после выпуска товаров.
- Повышение роли уполномоченного экономического регулятора в оказании таможенных услуг.
- Улучшение работы по борьбе с коррупцией и правонарушениями в таможенных органах страны и другие [1-А, 2-А, 3-А, 4-А, 6-А; 8-А, 9-А, 10-А, 11-А, 12-А, 13-А].

В целом, полученные результаты приняты к реализацию таможенной службы Таджикистана при обосновании и разработке направления инновационного развития в перспективе, а также местными органами государственной власти страны. Кроме того, разработанные рекомендации можно применить при осуществлении таможенного контроля, учитывая специфические особенности функционирования и развития таможенных органов других государств.

## СПИСОК ПУБЛИКАЦИЙ АВТОРА ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ (на языке оригинала)

### А) Статьи, опубликаванные в рецензируемых изданиях:

[1-А] Абдукодирзода Дж.К., Хусаинов М.К. Совершенствование таможенной переработки и осуществления таможенного контроля товаров и транспортных средств в Таджикистане» //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук №1 2023.-С. 171-175.

[2-А] Абдуқодирзода Ҷ.К. Истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукӣ дар Тоҷикистон//Вестник Таджикского государственного университета коммерции №4/1(38)2021. -С.128-130.

[3-А] Абдукодирзода Дж.К., Хикматов С.И. Исследование времени выпуска товаров при таможенном контроле в пунктах пропуска границы и терминалах в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского государственного университета коммерции №4(29)2019. -С.283-292.

[4-А] Абдукодирзода Дж.К. Экономико-математическое моделирование организации таможенного контроля товаров и транспортных средств на таможенных постах// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2020. №6.-С32-39.

[5-А] Абдукодирзода Дж.К., Гаюрова Р.С. Роль таможенной инфраструктуры в улучшении качества таможенного контроля в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского государственного университета коммерции №3(28)2019. -С.48-52.

### Публикации в других изданиях:

[6-А] Абдукодирзода Дж. К. Улучшение эффективности выполнения фискальной функции в таможенных органах на основе развития таможенного контроля// Развитие финансовой и банковской системы Республики Таджикистан в условиях глобализация // Материалы респ. науч. практ. конф. (г.Душанбе, 24 февраля 2020г.). – Душанбе: «ТГУК», 2020. -с.37-40.

[7-А] Абдукодирзода Дж.К., Раджабова Н.Р. Рушди раванди ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Материалы VII-ой межд. науч. практ. конф. (г.Душанбе,19-20 июня 2019г.) -С.178-183.

[8-А] Абдукодирзода Дж.К., Хикматов С.И. Совершенствование таможенного оформления и таможенного контроля в Республике Таджикистан//Развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше. Материалы межд. науч. практ. конф. (г.Душанбе,21-22 декабря 2018г.) -С.224-227.

[9-А] Абдукодирзода Дж.К., Шарифзода И.А Совершенствования таможенно-тарифного регулирования ВЭД в Республике Таджикистан //Развитие финансовой и банковской системы Республики Таджикистан в условиях глобализация. Материалы респ. науч. практ. конф. (г. Душанбе, 24 февраля 2020г.).– Душанбе: «ТГУК», 2020. – 87с. -С.9-13.

[10-А] Абдукодирзода Дж. К. Развитие системы оказания таможенных услуг участникам внешнеэкономической деятельности//Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики//Сборник материалов IX-ой международной научно-практической конференции: под общей редакцией д.э.н., профессора Раджабова Р.К. – Душанбе: ТГУК, 2021. – 348с.- С.141-144.

[11-А] Абдуқодирзода Ҷ.К., Мираков Қ.М. Такмили барасмиятдарории гумрукӣ дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ// Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ. Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 26 ноябри соли 2021). -Душанбе: ДДМИТ, 2021.-600с.-С.81-84.

[12-А] Абдуқодирзода Ҷ.К., Ҳикматов С.И., Давлатов З. Нақши танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар дар рушди хизматрасониҳои гумрукӣ//Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2022. - 479 с.-саҳ.383-386.

[13-А] Абдукодирзода Дж.К. Анализ современного состояния развития системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в Республике Таджикистан/Дж.К.Абдукодирзода//Актуальные вопросы таможенного дела и внешнеэкономической деятельности: проблемы и направления развития. Материалы Всероссийской науч. практ. конф (г. Курск, 19-20 апреля 2023г.). -Курск: ГОАУ ВО «Курская академия государственной и муниципальной службы»,2023.-С.343-348.

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

СУД 339.543 (575.3)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АБДУҚОДИРЗОДА ҶАМШЕД КОМИЛ**

# РУШДИ СИСТЕМАИ ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ ГУМРУКИИ МОЛҲО ВА ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ)

**Душанбе - 2024**

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон анҷом дода шуд

**Роҳбари илмӣ:** **Ҳикматов Сабат Исматович,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Қудратов Рустам Раҳматович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Азими Азамат,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори раёсати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

**Муассисаи пешбар:** **МД “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон”**

Ҳимояи диссертатсия 29 июни соли 2024 соати 12-00 дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо суроғаи: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат тавассути сомонаи расмии ДДТТ (www. tguk.tj ) ва дар китобхонаи донишгоҳ бо суроғаи: 734061, ш. Деҳотӣ, ½ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____________ соли 2024 тавзеъ шудааст

**Котиби**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар айни замон бо назардошти талаботи стандартҳои мавҷудаи байналмилалӣ самти афзалиятноки рушди савдои байналмилалӣ дар асоси баланд бардоштани самаранокии системаи ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт (МваВН) мебошад. Дар баробари ин, ҳалли масъалаҳои татбиқи назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар раванди баҳодиҳии нақши мақомоти гумрук ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муҳим дониста мешавад. Нақши мақомоти гумрукро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд менамоянд: “Дар ҳақиқат, гумрук дар ҳаёти ҳар як давлати соҳибистиқлол аҳамияти фавқулодда дорад ва гузашта аз ин дарвозаи ҳар давлат аст. Зеро аз кори мақомоти гумрук, на танҳо таъмини молиявии соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, балки бехатарии иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва экологии он вобастагии бевосита дорад”[2].

Ба амал баровардани назорати гумрукӣ ба самаранокии татбиқи шаклхои гуногуни онҳо ҳангоми ба амал баровардани боркашонии содироту воридот ва мусофиркашонӣ таъсири калон мерасонад.

Беҳтар намудани савдои байналмилалӣ дар Тоҷикистон беҳбуд бахшидани назорати гумрукии мол ва воситаи нақлиётро дар асоси татбиқи талаботи конвенсияҳои байналмилалии гумрукӣ тадқиқотҳои илмиро талаб мекунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди низоми пешниҳоди намудҳои гуногуни хизматрасониҳои гумрукӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, рақамикунонӣ, мубодилаи электронии маълумот, арзёбии хатарҳо, фароҳам овардани шароит барои назорати гумрукӣ имконпазир аст. Аммо бинобар набуди механизми муассири татбиқи назорати гумрукӣ бо назардошти талабот ва шартҳои стандартҳои байналмилалӣ дар танзими фаъолияти гумрукӣ мушкилот ба миён меояд. Ҳалли ин масъалаҳо ҷалби захираҳои зиёди молиявӣ ва меҳнатиро барои фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиётро дар намудҳои гуногун талаб менамояд.

Инчунин, муайян намудани хусусиятҳои назорати гумрукӣ, омӯхтани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба татбиқи назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт, мӯҳлати иҷозати молҳо дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳо, асоснок намудани самтҳои рушди низоми назорати гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, бо назардошти мураккабӣ ва гуногунҷанбаи мушкилоти ташкили фаъолияти гумрукӣ мо таҳияи системаи ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиётро вазифаи аввалиндараҷа мешуморем, зеро бисёре аз ҷанбаҳо ва мушкилоти он ҳанӯз ба қадри зарурӣ омӯхта нашудаанд ва аз ин рӯ, таҳияи системаи назорати гумрукӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ гузаронидани тадқиқоти илмии махсус зарур аст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Масоили ташкили идоракунии назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт, инчунин масъалаҳои ташкили идоракунии фаъолияти гумрукӣ корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ: Ершов А.Д., Барамзин В.С., Гречкина О.В., Грин И.А., Гусев Н.И. , Алиев М.Б., Аюбов Д.М., Бӯриев Л.Ҷ., Ғуломзода Ш.Х., Ҷалолов Н., Қудратов Р.Р., Нидоев Н.Ф., Нидоев П.Ф., Раҷабов Р.К., Раҷабова Н.Р., Саидмуродов Л.Х., Хикматов С.И., Самиев Ф.Б. дигарон бахшида шудаанд.

Дар тадқиқотҳои гузаронидашуда масъалаҳои гуногуни ташкилию иқтисодии хизматрасонии гумрукӣ, такмили барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ, ташкили фаъолияти молиявӣ, танзими гумрукию тарифӣ, аутсорсинги гумрукӣ, дастгирии соҳибкории саноатӣ ва ғайра ба таври муфассал омӯхта шудаанд. Дар тадқиқотҳои ба анҷомрасонидашуда омӯзиши асосҳои методии татбиқи конвенсияҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, арзёбии таъсири омилҳои гуногун ба амалигардонии фаъолияти гумрукӣ ва ғайра мавқеи муҳим доранд.

---

[2] https://gumruk.tj/ **(рӯзи воридшавӣ 20.09.2022).**

Аммо дар баробари такмил ва инкишофи фаъолияти савдои берунӣ бисьёр масъалаҳои ин масоили мураккабу серҷабҳа ҳануз тадқиқ нашудаанд. Пеш аз ҳама, масъалаҳои рушди назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт бо истифода аз татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, пешниҳоди хизматрасонии гумрукӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои гуногуни моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ, воситаҳои техникии назорати гумрукӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, омӯзиши мӯҳлати иҷозати мол, баланд бардоштани нақши танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар пешниҳоди хадамоти гумрукӣ, оптимизатсияи назорати гумрукӣ бо назардошти таваккал дар асоси истифодаи равишҳои муосири илмӣ дар назарияи иқтисоди бозорӣ интихоби мавзӯи тадқиқоти илмиро муайян мекунад.

**Алоқаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи рисола ба самтҳои афзалиятноки рушди илми иқтисод дар ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба иқтисодиёт ва аҳолӣ, ки дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" муайян шудаанд, алоқаманд аст. Инчунин, мавзӯи тадқиқот ба нақшаи дарозмуддати тадқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар мавзӯи "Рушди инноватсионии бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (нақлиёт, гумрук, логистика, соҳаи иҷтимоӣ ва молиявӣ) (РБ 0121TJ1204) ва «Беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ" (РБ 0121TJ1202), ки Муассисаи давлатии «Маркази миллии иттилооти патентӣ»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст дохил карда шудааст.

**Мақсади кори диссертатсия** асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба таҳияи рушди системаи ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар шароити иқтисодӣ бозорӣ мебошад.

Ҳадафҳои таҳқиқоти диссертатсия иборатанд аз:

- омӯхтани ҷой ва нақши назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт дар низоми хизматрасонии гумрукӣ, инчунин таҷрибаи хориҷӣ оид ба гузаронидани назорати гумрукӣ дар шароити густариши дигаргуниҳо дар бозор;

– таҳқиқи хусусиятхо ва масоили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар шароити иктисоди бозорӣ;

– таҳлили ҳолати кунунӣ ва рушди низоми назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт, инчунин омузиши муҳлати иҷозати мол барои назорати гумрукӣ дар гузаргоҳи сарҳадӣ ва терминалҳои гумрукӣ;

– гузаронидани амсиласозии иқтисодӣ ва риёзии ташкили назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ;

– тахияи стратегияи рушди ташкили назорати гумрукӣ, инчунин такмили ташкили таъминоти моддию техникии гумрук ва оптимизатсияи ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

- асоснокунӣ ва таҳияи самтҳои асосии такмили низоми ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар терминалҳо ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ.

**Объекти тадқиқоти рисола** Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети тадқиқоти рисола** муносибатҳои ташкилӣ ва иқтисодие мебошад, ки дар раванди ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи тадқиқот** ба баррасии нақши низоми назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар таъмини сифати баланди хизматрасониҳои гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои содироту воридот ва такмили фаъолияти гумрукӣ асос ёфтааст. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда ба рушди системаи гузаронидани назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ мусоидат мекунад.

**Асоси назариявӣ ва методии тадқиқоти рисоларо** ақидаҳо, ғояҳо ва коркардҳо оид ба назария ва амалияи иқтисоди бозоргонии муосир, рушди савдои байналмилалӣ,

инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, ба амал баровардани назорати гумрукии мол ва воситаҳои наклиётро дар корҳои илмии олимон асос ёфтааст дар бар мегирад.

**Сарчашмаи маълумот.** Ҳангоми таҳияи кори диссертатсионӣ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва коркардҳо, инчунин маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳо оид ба ташкили идоракунии назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт ва хизматрасонии гумрукӣ ба субъектҳои низоми бозор истифода шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар солҳои 2017-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки ба тариқи комплексӣ масоили рушди системаи назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти истифодаи стандартҳои байналмилалӣ дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ таҳқиқ карда шудааст, ки аз муқаррароти зерин иборат аст:

- асосҳои муқаррароти назариявӣ-методии ташкили назорати гумрукӣ дар низоми хадамоти гумрук дар асоси баррасии давраҳои амалисозии модели назорати гумруки мол ва воситаҳои нақлиёт, ташаккули нуқтаҳои байналмилалии гузариши нақлиётии автомобилӣ, оптималикунонии ҳуҷҷатгузорӣ ва истифодаи самараноки консепсияи «Истгоҳи ягона», пешбурди фаъолияти гумрукӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ муосир тадқиқ ва муайян карда шудаанд. Таҷрибаи хориҷии гузаронидани назорати гумруки молҳо, инчунин ҷузъҳои асосии механизми батанзимдарории гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудаанд;

- дар асоси таҳлил вазъи кунунӣ ва рушди низоми ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ шуда, мушкилоти мавҷуда дар кори мақомоти гумрук ва ҷузъу томҳои он дар мудириятҳои минтақавии гумрукӣ ошкор карда шудааст. Усулҳои экспертиро истифода намуда тадқиқи мӯҳлатҳои иҷозати молҳои таҳти назорати гумрукӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда пешниҳодҳо ҷиҳати оптимизатсияи онҳо муайян карда шуданд;

- модели иқтисодию риёзии ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар гузаргоҳҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи системаи хизматрасонии оммавӣ таҳия ва татбиқ карда шудааст ва он имкон медиҳад, ки хароҷоти умумии татбиқи онҳо кам карда, ҳамзамон сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шавад;

– стратегияи рушди ташкили назорати гумрукӣ мураттаб гардида, инчунин коркарди гумрукӣ дар асоси такмили гузаронидани назорати гумрукӣ ва истифодаи воситаҳои техникӣ, инчунин мукаммалгардонии ташкили логистикии фаъолияти гумрумрукӣ , оптимиликунонии ташкил ва гузаронидани назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт пешниҳод шудааст;

– самтҳои асосии такмили низоми ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, беҳтар намудани сифати онҳо дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС, Созмони умумиҷаҳонии гумрук ва воридшавии кишварро ба Иттиҳоди гумрукии кишварҳои ИДМ барои давраи то соли 2030 асоснок ва муайян карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зерини илмӣ, назариявӣ- методӣ ва амалии натиҷаҳои кор, ки дорои унсурҳои илмӣ мебошанд пешниҳод мешаванд:

1. пешниҳоди асосҳои илмӣ, назариявӣ ва методӣ оид ба моҳият, мазмун ва аҳамияти назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт;

2. муайян намудани хусусиятҳо ва мушкилоти назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт дар шароити густариши дигаргуниҳо дар бозор;

3. муайян намудани сатҳи ҳолат ва қонуниятҳои рушди системаи ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, омӯзиши мӯҳлати иҷозати молҳо дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳо дар Тоҷикистон;

4. таҳияи модели иқтисодӣ ва риёзии ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ;

5. муайян намудани стратегияи рушди ташкили назорати гумрукӣ, инчунин такмили ташкили логистикии фаъолияти гумрукӣ ва оптимизатсияи гузаронидани назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт;

6. асоснок ва муайян намудани самтҳои асосии такмили низоми ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалӣ** аз он иборат аст, ки татбиқи хулосаҳо ва тавсияҳои асосноки рисола ба рушди назарияи ташкили савдои байналмилалӣ ва гузаронидани назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт мусоидат мекунад. Хулоса ва тавсияҳои асосие, ки дар рисола оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои тайёр кардани мутахассисон, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон ва мутахассисони гумрук - ҳамчун методи амалӣ ва назариявӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсия** ва натиҷаҳои бадастомада ба ҳалли мушкилоти саривақтии расмиёти гумрукӣ нигаронида шудааст. Моделсозии иқтисодӣ ва риёзии назорати гумрукӣ, татбиқи асосҳои методӣ барои муайян намудани дараҷаи таъсири низоми гумрукӣ ба рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёт, инчунин интихоби самтҳои афзалиятноки фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

**Татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсия.** Натиҷаҳо ва тавсияҳои дар рисола бадастомада аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми рушди ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт истифода шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои ба дастомадаро макомоти хокимияти махаллии давлатии вилоятҳои ҷумҳурӣ хангоми тартиб додани схемаҳои ҷойгиркунии оқилонаи мақомоти гумрук истифода бурда метавонанд.

Тавсияҳои илмию методии таҳияшудаи муаллиф дар таълими фанҳои «Фаъолияти гумрукӣ», «Ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт», «Идораи мақомоти гумрук» ва «Барасмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт» барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодии донишгоҳу донишкадаҳои Точикистон истифода шудаанд.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзӯъи диссертация ба бандҳои “3.Рушди инфрасохтори бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 7.Рушди инфрасохтори бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 8.Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол дар савдои байналмилалӣ ва ҳамлу нақли онҳо; 11.Натиҷаҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 20.Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои хизматрасониҳои нақлиётию логистикию терминалии гумрукӣ; 23.Рушди хизматрасониҳои нақлиётию логистикӣ ва бонкию гумрукӣ дар шароити муосир; 25.Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва тарифию гумрукӣ; 28.Таъмини сатҳу сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 31.Ташкили барасмиятдарорию назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, беҳдошти гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва бозрасии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ; 41.Механизми танзими тарифию ғайритарифии гумрукӣ ва мукаммал гардонидани раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ”-и Шиносномаи ихтисосхои илмии ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – хизматрасонии нақлиётӣ ва гумрукӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб.** Тадқиқоти диссертатсия бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз қабили интихоби мавзӯъ, асоснокӣ ва аҳамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои

тадқиқот анҷом дода шудааст. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ ва методии рушди назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар нашрияҳои муштарак инъикос карда мешаванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмии амалии таҳқиқоти рисола дар маҷмӯаҳои конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2018-2023 ва ғайра чоп шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии зиёда аз 6,16 варақи чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсия**. Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати истинодҳо аз 210 номгӯй ва замима, ки дар 176 саҳифаи матни чопи машинка навишта шудааст, иборат буда, аз 22 ҷадвал, 58 расм ва замима иборат аст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯи рисола ва сатҳи омӯзиши он асоснок, ҳадафҳо, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои тадқиқот асоснок ва муайян карда шуда, инчунин дар бораи навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола, маълумот дар бораи истифодаи натиҷаҳо пешниҳод карда шудааст.

**Дар боби якуми рисолаи «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт дар шароити муосир»** мавқеъ ва нақши назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар системаи хизматрасонии гумрукӣ ба иқтисодиёт баррасӣ гардида, тачрибаи ташкили назорати гумрукии мол ва воситахои нақлиёт, хусусиятхо ва масоили ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ дида баромада шудааст.

Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ нақши ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар таъмини ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии давлат ҳам дар соҳаи иқтисодӣ ва ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ пешсаф мегардад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия мавқеи бозори хизматрасониҳои гумрукӣ дар сохтори бозори хизматрасонӣ дар асоси таъсиси механизмҳои самараноки ҷорӣ намудани шаклҳои нави истеҳсолоти гумрукӣ ва роҳҳои ҳалли босифати хизматрасонии гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

Ба андешаи муаллиф, дар шароити кунунии рушди иқтисодиёти миллӣ ва ҳамкории байналмилалӣ ба таҷдиди расмиёти гумрукӣ бо назардошти баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт диққати махсус додан зарур аст.

Тадқиқотҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нишон медиҳанд, ки рушди низоми гумрукӣ бо рушди инфрасохтор ва таҷҳизоти техникии ташкилотҳои гумрукӣ, таҳкими захираҳои кадрӣ ва ғайра робитаи ногусастанӣ дорад, ки ба баланд шудани самаранокии назорати гумрукӣ дар асоси истифодаи стандартҳои ҷаҳонӣ имконият медиҳад. То имрӯз як қатор масъалаҳои марбут ба татбиқи стандартҳои Конвенсияи Киото вуҷуд доранд, ки ноил шудан ба сатҳи мувофиқи татбиқи ин ҳуҷҷатро душвор мегардонанд.

Муаллиф бар ин назар аст, ки тартиби гузаронидани расмиёти гумрукӣ ба назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт марбут аст. Ба ин хотир муаллиф андешаҳои олимони гуногунро дастгирӣ намуда, чунин мешуморад, ки: барасмиятдарорӣ ва назорати гумруки молу воситаҳои нақлиёт, гарчанде вазифаҳои гуногун бошанд ҳам, бо ҳамдигар алоқаи ногустанӣ доранд ва дар як вақт сурат мегиранд.

Дар “Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” омадааст, ки назорати гумрукӣ маҷмӯи тадбирҳоест, ки мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд ва байни мафҳумҳои назорати гумрукӣ ва расмиёт робита дорад. Вобаста аз усули интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ, бо назардошти хусусиятҳо, принсипҳо ва усулҳои истифодабарии он дар нақлиёти обӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ, инчунин молҳое, ки тавассути қубурҳо ва хатҳои барқ интиколшаванда намудҳои назорати гумрукиро ҷудо мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои асосии назорати гумрукӣ инҳо мебошанд: 1) тафтиши ҳуҷҷатҳо ва маълумот; 2) пурсишҳои шифоҳӣ; 3) гирифтани баёнот; 4) мушоҳидаи гумрукӣ; 5) азназаргузаронии гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт; 6) азназаргузаронии гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт; 7) бозрасии шахсӣ; 8) санҷиши тамғагузории мол бо тамғаҳои махсус, мавҷудияти аломатҳои ҳаммонандкунӣ дар онҳо; 9) азназаргузаронии биною ҳудуди онҳо бо мақсадҳои назорати гумрукӣ; 10) санҷиши гумрукӣ. Дар диссертация принсипу усулҳои назорати гумрукӣ низ равшан карда шудааст.

Вазифаи муҳими мақомоти гумрук дар татбиқи назорати гумрукӣ фароҳам овардани шароите мебошад, ки ба тезонидани муомилоти мол аз сарҳади гумрукӣ дар асоси барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ мусоидат мекунад. Муаллиф муайян кардааст, ки маҷмӯи расмиёти гумрукии татбиқшаванда дар Тоҷикистон ба таҳкими нақши хадамоти гумрук дар иҷозаи мол тибқи низоми гумрукии эълоншуда мусоидат мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бораи молҳо ҳангоми декларатсиякунӣ маълумоти зиёди беэътимод, афзоиши ҳаҷми ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, номгӯи нопурра, ки дараҷаи татбиқи чораҳои танзими гумрукӣ ва ғайритарифӣ, давомнокии нигоҳ доштани молҳоро дар минтақаи назорати гумрукӣ, дар баробари такмил додани ваколатҳои кормандони гумрук оид ба гузаронидани санҷишҳо ва дигар шаклҳои назорат, инчунин объективӣ ва мураккабии амалиёти гумрукӣ мавҷуд аст.

Муаллиф назорати гумрукиро дар кишварҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, муайян кардааст, ки дар мафҳум, усулҳо ва шаклҳои назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар асоси стандартҳои Конвенсияи Киото баррасишаванда фарқиятҳо мавҷуданд.

Хангоми омӯзиши сохтори Конвенсияи Киото муаллиф равандҳои гумрукиро, ки ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ мушкилот эҷод мекунанд муайян кардааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷои ҳар як стандарт ва татбиқи он дар раванди танзими гумрукӣ-тарифӣ ва ғайритарифӣ муайян карда шавад (расми 1).

Нақшаи пешниҳоднамудаи муаллиф имкон медиҳад, ки бо дарназардошти ворид намудани тағйирот нисбати таъсири онҳо ба фаъолияти мақомоти гумрук ва воҳидҳои онҳо баҳо дода шавад. Илова бар ин, ин унсурҳо на танҳо ба самаранокии кор, балки ба шиддатнокии захирағунҷоишӣ фаъолияти гумрукӣ дар шароити мушаххас ва рушди сохторҳои гумрукӣ, назорати гумрукӣ, воситаҳои техникӣ, технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва ғайра таъсир мерасонанд.

Муаллиф дар рисола дар асоси омӯзиши фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои зерини назорати гумрукии молро таъкид кардааст: аввалан, ин хусусияти назорати гумрукӣ тадбирҳое, ки аз ҷониби мақомоти гумрук оид ба назорати гумрукӣ аз самтҳои идоракунии гумрукӣ, шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ, инчунин моли назоратшаванда вобаста аст амалӣ карда мешаванд; дуюм, ин хусусияти назорати гумрукӣ – тадбирҳое, ки мақомоти гумрук амалӣ мекунанд (шакл, восита ва усулҳои татбиқи он); сеюм, ин хусусияти назорати гумрукӣ - муносибати комплексӣ; чорум, ин хусусияти назорати гумрукӣ– самарабахшии санҷиши гумрукӣ бояд ба муқаррарот оид ба баробар кардани таъкиди назорати гумрукӣ дар марҳилаи пас аз иҷозати мол мувофиқат кунад; панҷум, ин хусусияти назорати гумрукӣ - усулҳои гузаронидани

назорати гумрукӣ (ҳуҷҷатӣ ё воқеӣ); шашум, ин хусусияти назорати гумрукӣ – истифодаи воситаҳои техникӣ, технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва ғайра мебошад. Дар баробари ин дастгирии гумрукии фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мавқеи муҳимро ишғол менамояд.




**Расми 1** - Ҷузъҳои асосии механизми танзими гумрукӣ ва ташкили фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон (таҳияи муаллиф )

Дар рисола бо мақсади ҳалли мушкилоти мавҷудаи ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, роҳҳои ҳалли онҳо дар заминаи дастгирии молиявии рушди хадамоти гумрук, баланд бардоштани нақши танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасонии гумрукӣ ва дарёфти имконоти такмили ташкили назорати муштараки гумрукии мақомоти гумруки Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, рушди долонҳои нақлиётиии байналмилалӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, дар оянда самаранокии дастгирии маъмурию ҳуқуқии низоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфта, гардиши мол инкишоф ёфта, дар саросари ҷаҳон системаи электронии ҳуҷҷатгузорӣ ҷорӣ карда мешавад ва истифодаи шаклҳои оқилона назорати гумрукӣ аз ҳисоби истифодаи самараноки воситаҳои техникӣ ва ҷорӣ намудани ҷойҳои кории автоматӣ беҳтар карда мешавад.

**Дар боби дуюми таҳқиқот «Вазъи кунунӣ ва рушди системаи ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт»** вазъи муосир ва рушди низоми ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, мушкилоти мавҷуда муайян гардида, вақти иҷозаи молҳои таҳти назорати гумрукиро дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, модели иқтисодӣ ва риёзии ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи системаи хизматрасонии оммавӣ таҳия ва татбиқ гардид, ки он имкон медиҳад, ки хароҷоти умумии татбиқи онҳо кам гардида, сифати хизматрасонии гумрукӣ ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шавад.

Муаллиф чунин мешуморад, ки таҳлил дар заминаи блоки иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқ гузаронида шуда, тавсифи самаранокии кори блоки маъмурии мақомоти гумрук дар асоси натиҷаҳо бо назардошти муайян кардани таъсири омилҳои гуногун (расми 2) ва нишондиҳандаҳои фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад (расми 3-6).




**Расми 2.** - Омилҳое, ки ба ташкил ва идоракунии хадамоти гумрук таъсир мерасонанд (муаллиф тартиб додааст).

Дар рисола муаллиф муайян кардааст, ки гардиши савдои берунӣ барои солҳои 2007-2021 (Расми 3) 58,37% афзуд, дар ҳоле ки бо кишварҳои ИДМ -75,49 % ва бо дигар кишварҳо 43,43 %, содирот 48,46 % ва бо кишварҳои ИДМ 2,51 баробар, ва бо дигар мамлакатҳо 27,09 %, воридот 65,26 %, бо мамлакатхои ИДМ 57,99 %, бо мамлакатҳои дигар 77,77 % афзуд.

Дар рисола динамикаи воридоти боҷҳои гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва дигар пардохтҳо дар солҳои 2007-2022 ба Буҷети давлатии ҷумҳурӣ омӯхта шудааст (расми 4) ва ҳиссаи пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ 15,15 банди фоизӣ афзудааст.

Муқаррар карда шудааст, ки барои солҳои 2007-2022 боҷи гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда, аксиз ва дигар пардохтҳо мутаносибан 6,68; 6,53; 6,05 ва 12,93 маротиба ва маблағи умумии пардохтҳои гумрукӣ 6,67 маротиба зиёд шудаст.

Таҳлил нишон дод, ки дар сохтори гумрук шумораи кормандон дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2007-2022 низ тағйирот ба амал омадааст (расми 5). Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки шумораи кормандон 22,00% афзуд, аз ҷумла дар мудирияти минтақавии ш. Душанбе ба 3,33 %, вилояти Хатлон 1,44 % ва ВМКБ 40,91% ва мутаносибан дар мудирияти ш.Турсунзода 12,99 % ва дар Суғд 5,56 % кам шудааст. Ҳангоми гузаронидани таҳлил муаллиф татбиқи назорати гумрукиро дар дидбонгоҳҳои гумрукии кишвар барои солҳои 2007-2022 муҳим мешуморад.

Динамикаи шумораи декларатсияи гумрукии бор дар кишвар барои солҳои 2007-2022 низ мавриди омӯзиш қарор гирифт (расми 6). Дар давраи баррасишаванда шумораи умумии ДГБ ба 46,20 маротиба афзуд. Илова бар ин, афзоиши ДГБ электронӣ дар мудирияти минтақавии Суғд 2,01 маротиба, ш. Турсунзода - 51,48%, ш. Душанбе -

13,05% ва мутаносибан дар мудирияти Хатлон 15,13% ва ВМКБ 88,12% кам шудааст. Ин тағйирот асосан ба коҳиши гардиши мол аз таъсири Совид-19 вобаста аст.

Натиҷаҳои таҳлили динамикаи и гузаронидани назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳи гумрукии «Терминал»-и шаҳри Душанбе барои солҳои 2007-2022 нишон дод, ки ҳаҷми содирот, воридот ва гардиши савдои хориҷӣ мутаносибан 28,09 %; 3,65 ва 3,40 маротиба афзуда, шумораи декларатсияи гумрукии содирот ва воридот мутаносибан 24,78% ва 52,06% зиёд шуд.

Таҳлили динамикаи гузаронидани назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳи гумрукии Суғд «Хоҷент» барои солҳои 2007-2022 нишон медиҳад, ки ҳаҷми содирот ва воридот мутаносибан 5,88 ва 4,08 маротиба афзуда, гардиши савдои хориҷӣ 55,01% кам шудааст ва миқдори ДГБ барои содирот ва воридот мутаносибан 2,44 ва 4,09 маротиба афзудааст.

Ба ғайр аз ин, натиҷаи динамикаи гузаронидани назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳи гумрукии «Терминал»-и Хатлон барои солҳои 2007-2022 нишон дод, ки ҳаҷми содирот 66,67 % ва воридот 107,1 маториба зиёд шудааст. Дар баробари ин, гардиши савдои берунӣ 90,0 маротиба, ДГБ содирот 6,5 ва 68,57 маротиба зиёд шудааст.

Инчунин, натиҷаи таҳлили динамикаи назорати гумрукӣ дар ВМКБ дар дидбонгоҳи гумрукии «Мурғоб» барои солҳои 2007-2022 нишон дод, ки ҳаҷми содирот 10 маротиба афзуда, воридот 69,08 % ва гардиши савдои хориҷӣ 68,05%,импорт -21,83% кам шудааст. Дар баробари ин, ДГБ барои содирот мутаносибан 20 маротиба зиёд ва воридот 96,35% кам шудааст.

Ба ғайр аз ин, тамоюли тағйир ёфтани назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳи гумрукии Регар барои солҳои 2007-2022 мушоҳида шуда, натиҷаҳо нишон доданд, ки содирот 2,98, воридот 2,28 ва гардиши савдои хориҷӣ 2,38 маротиба зиёд гардида, шумораи ДГБ дар содирот 40,26 баробар ва воридот 57,15% афзудаст.

Илова бар ин, дар диссертатсия тамоюлҳои ҳаҷми расмиёти низомҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2022 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар давраи зикршуда, ки мол тахти низоми содирот, коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ, иҷозат барои муомилоти озод, реимпорт, минтақаи озоди гумрукӣ, анбори озод, савдои бебоҷ, ҳаҷми муомилоти мол (бо миллион доллар) мутаносибан афзудаст.




**Расми 3-** Тамоюлҳои рушди савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2022 (млн. доллари ИМА)




**Расми 4-** Тамоюли ҳаҷми умумии пардохтҳои гумрукӣ ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2022 (млн сомонӣ)




**Расми 5-** Тамоюли шумораи кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2022 (нафар)




**Расми 6-** Тамоюли миқдори эъломияҳои гумрукии бор барои хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2022 (воҳиди).

Дар баробари ин мутаносибан реэкспорт, коркард дар қаламрави гумрукӣ, содироти муваққатӣ, анбори гумрукӣ ва озод, транзити гумрукии байналмилалӣ, нобудкунӣ, интиқоли захираҳо ва низомҳои махсуси гумрукӣ коҳиш ёфт. Дар баробари ин, ҳаҷми умумии ҳамаи низомҳои гумрукӣ (миллион доллар) 96,62 %, ҳаҷми интиқоли мол (ҳазор тонна) 41,92 % ва декларатсияҳои гумрукии бор 50,20 % афзуд. Дар амалияи хадамоти гумруки ҷумҳурӣ низоми гумрукии анбори озод аз соли 2018 ва низомҳои махсуси гумрукӣ дар соли 2022 истифода намешаванд.

Дар рисола муаллиф инчунин нишондиҳандаҳоеро, ки натиҷаҳои фаъолияти мудириятҳои минтақавии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солхои 2011-2022 тавсиф мекунанд, мавриди омӯзиш қарор додааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Тамоюлҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи натиҷаҳои фаъолияти раёсатҳои минтқавии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2022**

| Номи раёсати минтақа-вии гумрук | Нишондиҳандаи самаранокии иҷрои вазифаҳои фискалӣ (% иҷрои нақшаи пешбинишуда) | | | | Ҳиссаи эъломияҳои давлатии гумрукӣ, ки дар давоми 1 рӯзи корӣ дода шудаанд (бо %-и ҳаҷми умумии эъломияҳо) | | | | Ҳиссаи истифодаи эъломияи электронӣ (ба ҳисоби % аз ҳаҷми умумии эъломияҳо) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2011** | **2018** | **2020** | **2022** | **2011** | **2018** | **2020** | **2022** | **2011** | **2018** | **2020** | **2022** |
| Душанбе | 108,0 | 108,7 | 114,4 | 117,3 | 98,3 | 97,3 | 98,1 | 98,3 | 4,1 | 100 | 100 | 100 |
| Турсунзода | 107,1 | 105,2 | 116 | 121,0 | 97,0 | 96,4 | 97,0 | 97,4 | 3,5 | 100 | 100 | 100 |
| Суғд | 106,2 | 112,3 | 113 | 109,6 | 96,1 | 97,6 | 98,2 | 98,4 | 4,7 | 100 | 100 | 100 |
| Хатлон | 101,4 | 105,2 | 112,7 | 108,4 | 95,4 | 95,7 | 96,5 | 97,0 | 4,8 | 100 | 100 | 100 |
| ВМКБ | 107,0 | 103,2 | 135 | 134,0 | 92,0 | 98,7 | 98,1 | 98,6 | 1,5 | 100 | 100 | 100 |

**Манбаъ**: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси омори ХГНҲЧТ. - Душанбе: 2022.-257саҳ.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар ҳамаи мудириятҳои гумрукии вилоятӣ беҳбудии нишондиҳандаҳои татбиқи сиёсати буҷетӣ мушоҳида гардида, дар хадамоти гумрук дар соли 2022 ҳиссаи декларатсияи электронӣ 100,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар арзёбии самаранокии назорати гумрукӣ омӯзиши динамикаи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда дар асоси натиҷаҳои назорати гумрукӣ дар ҷумҳурӣ ҷойгоҳи махсус дорад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2 - Динамикаи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда аз рӯи натиҷаҳои назорати гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2022**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022 ба 2015, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда | 4938 | 4644 | 4262 | 4280 | 3335 | 1960 | 1835 | 2411 | 48,83 |
| Пардохтҳои гумрукӣ ва фоизҳо, ҷаримаҳо, ҳазор сомонӣ | 4209 | 7884,7 | 7919,8 | 7059,5 | 7075,1 | 4906,5 | 4026,5 | 4378,7 | 104,03 |
| Маблағи миёнаи пардохтҳои гумрукӣ ва фоизҳои ситонидашуда, ҷарима барои як санҷиши гумрукӣ, млн. сомонӣ | Х | Х | Х | 0,645 | 0,356 | 2,5 | 2,2 | 1,8 | 2,79 раза |
| Маблағи миёнаи ситонидашудаи пардохтҳои гумрукӣ ва фоизҳо, ҷаримаҳои ситонидашуда ба як воҳиди штатӣ, млн. сомонӣ | 1,02 | 1,23 | 0,77 | 0,67 | 0,63 | 1,05 | 1,1 | 1,0 | 98,04 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида, адад | 4938 | 4644 | 4262 | 4280 | 3335 | 3335 | 1835 | 2411 | 48,82 |
| Самаранокии санҷишҳои гумрукӣ, % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 98,11 | 98,20 | 98,8 | 99,0 | -1,00 |

**Манбаъ**: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси омори ХГНҲЧТ. - Душанбе: 2022.-257саҳ.

Дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст, ки дар солҳои 2015-2022 шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда мутаносибан 51,17% кам шуда, ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва ҷаримаҳо 4,03 % зиёд шудааст, Маблағи миёнаи пардохтҳои ситонидашуда барои як санҷиш 2,79 маротиба ва ба як корманд 1,96 % ва миқдори парвандаҳои оғозшудаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ 51,18% камшуда, самаранокии санҷишҳои гумрукӣ 1,00 банди фоизӣ кам шудааст.

Дар маҷмӯъ, ин аз самаранокии назорати гумрукӣ дар хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Сарфи назар аз беҳбудӣ дар раванди назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт мушкилиҳо вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар шароити нав омӯзиши вақти иҷозати молро таҳти назорати гумрукӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа медонад.

Пешбурди тадқиқот барои вақти иҷозати мол дар асоси анкетаҳо/саволномаҳое, ки дар асоси дастурҳои Созмони ҷаҳонии гумруки гузаронида шуданд. Бо истифода аз саволномаҳои таҳияшуда маълумотҳо бо тартиби хронологӣ ҳангоми барасмиятдарории гумрукии молҳо барои воридот ва содирот дар гузаргоҳҳои Дӯстӣ, Гулистон ва Панҷи Поён, инчунин дар шахрҳои Душанбе, Турсунзода, Хуҷанд ва Ашт ҷамъ карда шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои бадастомада муайян карда шуд, ки дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ расмиёти воридот беш аз шаш соат (33%) ва дар терминалҳо тақрибан 16 соат (67%) вақтро мегирад. Инчунин, дар диссертатсия оид ба тартиби содироти молҳои зудвайроншаванда, ки аз гузаргоҳҳои сарҳадӣ мегузаранд, тадқиқот гузаронида шуд.

Бо назардошти натиҷаҳо муайян гардид, ки барои Хадамоти гумрук вақти иҷозаи мол нақши муҳим бозид, зеро соддагардонии расмиёти гумрукӣ, аз ҷумла кам кардани вақти барасмиятдаровардани молҳо вазифаи муҳим барои фароҳам овардани шароити мусоиди рушди устувори соҳибкорӣ ва риояи ӯҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалӣ маҳсуб мешавад.

Муаллиф бо истифода аз натиҷаҳои вақти иҷозаи мол истифодаи “системаи хизматрасонии оммавӣ”-ро барои моделсозии иқтисодӣ ва риёзии татбиқи назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи модели якканала бо маҷрои эҳтимолии воридот ва гузаронидани назорати гумрукӣ, инчунин бо интизориҳои имконпазир асоснок карда шудааст.

Тафсири ҳолати системаи хизматрасонии оммавӣ инҳоро дар бар мегирад: $S_0$- «дидбонгоҳ гумрукӣ озод аст»; $S_1$- « дидбонгоҳ гумрукӣ банд аст» (навбат нест); $S_2$- «дидбонгоҳи гумрукӣ банд аст» (миқдори $n$ мошин дар навбат меистад); $S_n$- «дидбонгоҳ гумрукӣ банд аст» (n -1 воситаи нақлиёт дар навбат ҳастанд); $S_N$- «дидбонгоҳ гумрукӣ банд аст» (N -1 воситаи нақлиёт дар навбат аст). Дар диссертатсия методикаи ҳисоби парамтрҳои модель пешниҳод карда шудааст. Амалисозии модели пешниҳодшуда ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ дар дидбонгоҳи гумрукии Панҷи Поёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳо анҷом додааст (ҷадвали 3).

Ҳамин тавр, ҷорӣ намудани модели пешниҳодшуда дар шароити дидбонгоҳи гумрукии Панҷи Поён ба муаллиф имконият дод, ки барои беҳтар намудани ташкили кори дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо мақсади саривақт гузарондани назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт тавсияҳо пешниҳод намояд. Ин методика метавонад дар шароити дигар дидбонгоҳҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

**Ҷадвали 3 - Натиҷаҳои ҳисобкунии назорати гумрукӣ дар гузаргоҳи гумрукии Панҷи Поёни Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номи нишондиҳандаҳои ҳисобшуда | Натиҷаҳои ҳисоб |
|---|---|
| 1.Эҳтимолияти ҳолати системаи гузаргоҳи гумрукӣ | 0,061-0,107 |
| 2.Шумораи миёнаи воситаҳои нақлиёт дар система барои назорати гумрукӣ ва дар навбат истода, адад | 8,346 |
| 3.Давомнокии миёнаи будубоши мошин барои назорати гумрукӣ ва дар навбат, соат | 9,817 |
| 4.Шумораи миёнаи автомошинаҳои дар навбат истода барои назорати гумрукӣ, адад | 7,453 |
| 5.Давомнокии миёнаи истодани автомошинаҳо дар навбат барои назорати гумрукӣ, соат. | 8,766 |
| 6.Қобилияти мутлақи гузаронидани гузаргоҳи гумрукӣ | 0,850 |

**Манбаъ**: аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст

Дар маҷмӯъ, истифодаи натиҷаҳои моделсозии иқтисодию риёзӣ ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти умумии татбиқи онҳо кам кардашуда, инчунин сифати хизматрасонии гумрукӣ ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар карда шавад.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Такмили системаи ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт»** стратегияи рушди ташкили назорати гумрукӣ ташаккул ёфта, инчунин коркарди гумрукӣ дар асоси истифодаи равиши логистикӣ, ташкилӣ ва гузаронидани назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт, самтҳои асосии такмили низоми ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт асоснок ва баланд бардоштани сифати онҳо дар шароити узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони умумиҷаҳонии гумрук ва ворид шудани кишвар ба Иттиҳоди гумрукии кишварҳои Иттиҳоди Авру Осиё барои давраи то соли 2030 муайян карда шуданд.

Ҳангоми таҳлили фаъолияти ташкилотҳои гумрукӣ маълум гардид, ки дар ҷараёни транзит барои молҳои транзитӣ ягон хироҷи мушаххас вуҷуд надорад, бинобар ин, бояд назорати гумрукии сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути он боркашонии транзитӣ мегузарад, пурзӯр карда шавад. Дар баробари ин ба манъи воридот ва содирот эътибори ҷиддӣ додан лозим аст.

Таҳлил нишон дод, ки расмиёти хеле мураккаби гумрукие, ки ҳуҷҷатҳои зиёдеро талаб мекунанд, инчунин системаи мураккаби додани ҳуҷҷатҳо ва молҳо вуҷуд доранд. Дар ин шароит аутсорсинги гумрукӣ ва фаъолияти брокерӣ дар бозори хизматрасониҳои гумрукӣ мавқеи муҳимро касб мекунад. Ҳамин тариқ, бо дарназардошти сиёсати тиҷорати хориҷии давлат, равишҳои консептуалӣ дар шароити кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва ташаккули мақомоти инноватсионии ташкилии гумрукӣ имкон медиҳанд, ки муносибатҳои гумрукӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон самаранок инкишоф дода шаванд.

Бо дарназардошти ин, муаллиф модели татбиқи стратегияи рушди бозори хизматрасонии гумрукӣ ва низоми назорати гумрукиро пешниҳод менамояд (расми 7).

Ба андешаи муаллиф, татбиқи модели пешниҳодшудаи амалисозии стратегияи рушди бозори хизматрасонии гумрукӣ ва система назорати гумрукиро дар асоси истифодаи воситаҳои техникӣ (вазни қиёсии дар ҳудудӣ аз 35,0 то 58,3% тағйир меёбад) дар маҷмӯъ фароҳам овардани шароитро барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он; таъмини афзоиши иқтидори содирот ва ивазкунандаи воридот; табдил додани соҳаи гумрукро ба кластери рақобатпазир таъмин менамояд.

Аз тарафи дигар, муаллиф таъсиси «Равзанаи ягона» ва инчунин такмили системаи ягонаи иттилоотӣ ва автоматии мақомоти гумрукро вазифаи аввалиндараҷа медонад. Бинобар ин муаллиф самтҳои асосии зеринро барои беҳтар намудани гузаронидани расмиёти гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст (расми 8).




**Расми 7.** – Модели амалисозии стратегияи рушди бозори хизматрасониҳои гумрукӣ ва низоми назорати гумрукӣ (аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст)

Инчунин, дар таҳқиқоти гузаронидашуда ҳангоми омӯзиши фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудиҳоро дар ҷараёни назорати гумрукӣ дар нуқтаҳои байналмилалии автомобилӣ; такроршавии баъзе амалиётҳо аз ҷониби мақомоти танзимкунанда; ба мӯҳлати номуайян нигоҳ доштани мол ва воситаҳои нақлиёт вобаста ба тартиби тафтиши ҳуҷҷатҳо; дар реҷаи вақт назорат ва ҳамоҳангсозии пурра вуҷуд надорад; маҷрои умумии нақлиёти мусофирбар ва боркашонӣ; байни мақомоти назораткунанда робита ва амалҳои аниқ мавҷуд нест ва ғайра ошкор карда шуданд.




**Расми 8.** – Самтҳои асосии такмили расмиятҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст)

Муаллиф инчунин технологияи мавҷудаи назорати мақомоти давлатиро дар мисоли гузаргоҳи автомобилии Панҷи Поён омӯхтааст (расми 9).




**Расми 9. -** Технологияи амалкунандаи назорати гумрукӣ дар гузаргоҳи автомобилии «Панҷи Поён» (муаллиф тартиб додааст)

Хусусиятҳои назорати гумрукиро ба назар гирифта, муаллиф нақшаи муштараки назорати гумрукиро дар гузаргоҳҳои автомобилӣ пешниҳод кардааст, ки бо ин роҳ такмил меёбад (расми 10).




**Расми 10. -** Нақшаи пешниҳодшудаи гузаронидани назорати муштараки гумрукӣ (муаллиф тартиб додааст)

Барои гузаронидани назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз рӯйи принсипи «Як истгоҳ» оптимизатсияи вақт муҳим аст. Аз рӯйи натиҷаҳои мониторинг барои солҳои 2015-2022 ба ҳисоби миёна мӯҳлати назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт муайян карда шудааст (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4 - Мӯҳлати вақти гузаронидани назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт**

| № б/п | Намуди автомобилҳо ва автобусҳо | Мӯхлати гузаронидани назорати гумрукӣ, дақиқа | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Борбардори/мусофирбари хурд, тонна/ ҷойи нишаст, мусофир | Борбардории /мусофирбарии миёна, тонна/ ҷойи нишаст, мусофир | Борбардории/мусо фирбарии калон, тонна/ ҷойи нишаст, мусофир | Борбардории/мусофирбарии хело калон, тонна/ ҷойи нишаст, мусофир |
| 1. | Автомобилҳои сабукрав | 7,0-13,0 | | | |
| 2. | Автомобилҳои бебор | 10,0-15,0 | 12,0-17,0 | 15,0-23,0 | 23,0-30,0 |
| 3. | Автомобилҳои боркаш | 15,0-20,0 | 17,0-23,0 | 24,0-27,0 | 28,0-33,0 |
| 4. | Автобусҳо | 15,0 – 19,0 | 19,0-25,0 | 25,0-33,0 | 33,0 – 36,0 |

**Манбаъ**: аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаҳои мониторинг дар воҳидҳои гумрукии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2015-2023 ҳисоб карда шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳангоми назорати муштарак баробарии ҳамаи иштирокчиён, мустақилият ва масъулияти онҳо дар қабули қарорҳои муҳим таъмин карда мешавад. Дар баробари ин, муаллиф омода намудани ҳуҷҷатгузориҳои мавҷударо, ки барои гузаштан ва убури мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, муҳим мешуморад (ҷадвали 5).

Аз ҷадвали 5 дида мешавад, ки миқдори ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми гузаштан аз сарҳади гумрукӣ талаб карда мешаванд, 2,1 маротиба ва ҳангоми содирот ду баробар, вақти таҳияи ҳуҷҷатҳо барои гузаштани расмиёти мавҷуда, яъне интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ ҳангоми воридот ва содирот 3,6 маротиба, инчунин тартиби расмиёти гумрукӣ барои молҳо, ҳангоми воридот 48 маротиба, ҳангоми содирот 36 маротиба кам шудааст.

**Ҷадвали 5. – Шумораи ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми гузаронидани мол аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб карда мешаванд**

| Номи ҳуҷҷатҳо ва шартҳои расмиёти гумрукӣ | Низомҳои гумрукӣ | 2012 | 2016 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| 1.Шумораи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои аз сарҳади гумрукӣ гузаштан (дона) | Воридот | 10 | 6 | 4 |
| | Содирот | 8 | 4 | 4 |
| 2.Мӯҳлати таҳияи ҳуҷҷатҳое, ки барои анҷом додани тамоми расмиёти марбут ба интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ заруранд (рӯзҳо) | Воридот | 25 | 15 | 7 |
| | Содирот | 25 | 15 | 7 |
| 3.Мӯҳлати барасмиятдарории расмиёти гумрукӣ барои молҳое, ки таҳти назорати давлатӣ қарор нагирифтаанд ва ҳамчун таҳвили хавфнок муайян карда намешаванд ва тафтиши иловагиро талаб мекунанд (соатҳо) | Воридот | 96 | 24 | 2 |
| | Содирот | 72 | 24 | 2 |

**Манбаъ**: аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаҳои мониторинг дар воҳидҳои гумрукии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Ба ақидаи муаллиф ҷорӣ намудани «Равзанаи ягона» бо назардошти рушди дурнамои назорати комплексӣ бояд: татбиқи системаи «Равзанаи ягона» аз системаи ягонаи автоматикунонидашудаи иттилоотии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон; гузариши пурра ба системаи электронии барасмиятдарории гумрукӣ; автоматикунонии марҳилаҳои убури молҳо ва воситаҳои нақлиёт аз гузаргоҳҳои сарҳадӣ; тадриҷан гузаштани вазифаҳои назорат, гузаронидани расмиёти гумрукӣ ва назорати молу воситаҳои нақлиёт ва ғайраро дар бар гирад. Ин критерияҳоро истифода намуда муаллиф дар рисола самтҳои афзалиятноки мукаммалгардонии гузаронидани назорати гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 пешниҳод намудааст.

Муаллиф муайян кардааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни татбиқи муносибатҳои содироту воридот аз равиши логистикӣ истифода намешавад, балки танҳо баъзе вазифаҳои моддию техникӣ барои ҳадди ақаллан кам кардани хароҷот дар ҷараёни интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои андоз ва ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд. Бо назардошти ин дар рисола принсипҳои рушди ташкили логистикии фаъолияти гумрукӣ аниқ карда шуда самтҳои асосии стратегияи онро бо мақсади таъсиси терминалҳо воқеъ дар гузаргоҳҳо барои ҳамлу нақли автомобилӣ аз сарҳади гумрукӣ алоқаманд аст пешниҳод шудааст.

Дар рисола таснифи тамоюлҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳое, ки гузаронидани амалиётҳои гумрукиро ба мақсади гузаронидани барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукии молҳо, муҳайё намудани шароитт доир ба рақамикунии мақомоти гумрукӣ ва сохторҳои он, баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ, транзити молҳо аз қаламрави гумрукӣ, гузаронидани назорати гумрукӣ дар асоси усули интихобӣ, баҳодиҳии системаи идораи таваккал, таъмини самаранокии қабули қарорҳо оид ба иҷозати молҳо ба қаламрави кишвар, такмили мукаммалгардонии назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт то ва баъди иҷозати молҳо, баланд бардоoштани самаранокии мубориза бо фасод ва қонунвайроникуниҳо дар мақомоти гумруки Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Дар асоси истифодаи механизми соддакунии амалиётҳои гумрукӣ ва иқтидори интиқолии гузаргоҳҳои байналхалқии автомобилӣ амалкунанда ва созмондода шаванда меъёри вақти асосноккардашуда дар раванди барасмиятдаорӣ ва назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт, молҳои транзитӣ, инчунин шаффофияти иттилоити фаъолияти сохторҳои гумрукӣ дар шароити Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар маҷмӯъ, рушди низоми ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт имкон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ, инчунин истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, беҳтар намудани муносибатҳои содироту воридот, ҳифзи амнияти иқтисодӣ дар татбиқи Стратегияи миллии рушд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 таъмин карда шавад.

# ХУЛОСА

## А) Натиҷаҳои асосии илмии рисола

1. Дар айни замон дар натиҷаи такмили равандҳои ҷаҳонишавӣ нақши мақомоти гумрук дар таъмини рушди иқтисодию иҷтимоию иқтисоди миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле меафзояд. Ин вазифахоро дар асоси инкишофи системаи назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт ҳал кардан мумкин аст. Бо дарназардошти ин, дар тадқиқоти рисолаи илмӣ асосҳои назариявӣ ва методии ташкили идоракунии назорати гумрукӣ дар шароити рушди низоми хизматрасонии гумрукӣ омӯхта ва такмил дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, татбиқи назорати гумрукӣ дар асоси истифодаи оқилонаи захираҳои моддию меҳнатӣ ва иттилоотӣ сурат мегирад, ки ба ҳалли вазифаҳои афзалиятноки дар назди мақомоти гумрук истода мусоидат мекунад [1-М, 2-М, 3-М, 8-М,11-М, 12-М,13-М].

2. Ба андешаи муаллиф, омӯзиши таҷрибаи хориҷии гузаронидани назорати гумрукӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, дар рисолаи илмӣ таҷрибаи хориҷӣ омӯхта шуда, барои истифодабарии он дар шароити гузаргоҳҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва ҳам дохилӣ бо истифода аз технологияи электронию рақамӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудааст. Дар баробари ин, қисматҳои асосии механизми танзими гумрукӣ ва фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон, инчунин қоидаҳои стандартии татбиқи назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд [3-М, 7-М, 9-М, 11-М, 12-М] .

3. Дар рисола хусусиятҳои татбиқи назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар шароити табдили бозор омӯхта ва ошкор карда шудаанд. Муаллиф хусусиятҳои зерини назорати гумрукиро таъкид кардааст:

-дар шароити кишвар назорати гумрукӣ аз маҷмӯи тадбирҳое иборат аст, ки аз рӯйи Кодекси гумрук амалӣ мегардад. Аммо мафҳуми назорати гумрукӣ мушаххас карда нашудааст ва характери интихобӣ дошта, аз самти маъмурияти гумрукӣ, амалкарди иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, моли интиқолшаванда ва омилҳои гуногуни дохилию берунӣ вобаста аст;

– хусусияти дуюм бо маҷмӯи тадбирҳое марбут аст, ки аз ҷониби хадамоти гумрук анҷом дода мешаванд, ки шаклҳо, механизмҳо, воситаҳо ва усулҳои назорати гумрукиро нишон медиҳанд;

- хусусияти навбатии назорати гумрукӣ муносибати маҷмӯи ба гузаронидани он мебошад;

– хусусияти чорум ба самаранокии санҷиши гумрукӣ дар асоси баррасии ҳатмии ҷанбаҳои назорати гумрукӣ дар марҳилаи пас аз иҷозати убури мол алоқаманд аст;

– хусусияти панҷум ба он вобаста аст, ки усулҳои татбиқи назорати гумрукӣ ҳуҷҷатӣ ё дар шакли электронӣ мебошанд;

- хусусияти охирин дар он аст, ки ба сифати воситаи назорати гумрукӣ воситаҳои техникӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин воситаҳои нақлиётҳои гуногун барои амалӣ намудани хизмати гумрукӣ истифода мешаванд [1-М, 3-М, 5-М, 8-М, 10-М, 11-М, 13-М].

4. Дар асоси омӯзиши хусусиятҳо дар диссертатсия мушкилоти назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт муайян карда шуданд. Ҷамъоварӣ ва интиқоли пардохтҳои гумрукӣ ба қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар соҳаи ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт муҳим дониста мешавад.

Дар баробари ин, инчунин дарёфти имкониятҳои такмили ташкили назорати муштараки гумрукии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳим дониста мешавад, инчунин рушди долонҳои нақлиётии байналмилалӣ [3-М, 7-М, 8-М, 10-М, 11-М].

**5.** Дар диссертатсия вазъи кунунӣ ва рушди низоми ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон арзёбӣ шудааст. Ҷанбаҳои асосии манфие, ки ба рушди системаи назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт халал мерасонанд, муайян карда шуданд.

Ҷойи асоси дар диссертатсия ба омӯзиши вақти иҷозаи убури моли таҳти назорати гумрукӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус дода шудааст. Омӯзиши вақти убур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми даҳ рӯзи тақвимӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадии Дӯстӣ, Гулистон ва Панҷи Поён, инчунин дар терминалҳои Ашт, Душанбе, Хуҷанд ва Турсунзода гузаронида шуд [3-М, 4-М].

Ҳадафи асосии таҳқиқот баланд бардоштани самаранокии расмиёти гумрукӣ ва дигар расмиёти воридот ва содироти мол, иҷрои ӯҳдадориҳо тибқи Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба соддагардонии тиҷорат мебошад. Бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқ вариантҳои мушаххаси беҳтар намудани иҷозати убури мол дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳои гумрукии раёсатҳои минтақавии гумрук пешниҳод карда шуданд [1-М; 2-М; 5-М, 8-М,10-М, 12-М].

6. Дар асоси истифодаи системаи хизматрасонии оммавӣ дар кор моделсозии иқтисодӣ-риёзии иҷрои назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар гузаргоҳҳои гумрукӣ анҷом дода шудааст. Санҷиши модели таҳияшуда дар постгоҳи гумрукии Панҷи Поён гузаронида шуд. Истифодаи натиҷаҳои бадастомада барои кам кардани хароҷоти умумӣ дар татбиқи онҳо, инчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонии гумрукӣ ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар ҳангоми ҳамлу нақли бор тавассути автомобилҳо мусоидат мекунад [4-М; 8-М, 10-М, 11-М].

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Дар асоси тадқиқоти дар рисола гузаронидашуда стратегияи рушди ташкили назорати гумрукӣ ташаккул ёфта, инчунин ташкили логистикии фаъолияти гумрукӣ ва оптимизатсияи амалисозии назорати гумрукӣ такмил дода шуда, принсипҳои таъминоти моддию техникӣ ва коркарди гумрукии моли интиқолшаванда, инчунин истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукӣ дар асоси пурсиш дар байни кормандони мақомоти гумруки мудириятҳои минтақавии шаҳрҳои Душанбе, Турсунзола, вилояти Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва Хадамоти гумрук дар назди Хукумати мамлакат мушаххас карда шудаанд.

Ба андешаи муаллиф, дар ин шароит бунёди инфрасохтори гумрукӣ муҳим аст, ки ба талаботи низоми бозор мувофиқ бошад. Зимнан инҳо муҳим ҳисобида мешаванд:

❖ таҳияи барномаи дурнамои рушди фаъолияти тиҷоратӣ дар шӯъбаҳои минтақавии гумрукӣ;

❖ сохтани анборҳо барои коркарди гумрукии моли интиқолшаванда бо намудҳои гуногуни нақлиёт;

❖ ташкили шабакаи савдои бебоҷ бо максади фурӯши мол, васоити ҳаракаткунанда ва дигар молҳое, ки ба моликияти давлат табдил дода шудаанд;

❖ таъсиси таваққуфгоҳҳои пулакӣ ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар ҳудуди гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои автомобилҳо ва пешниҳоди хизматрасониҳои гуногуни пулакӣ;

❖ рушди низоми тайёр кардан ва бозомӯзии декларантҳо, брокерҳои гумрукӣ, инчунин расонидани хадамоти иттилоотӣ, машваратӣ ва аутсорсинг ва ғайра [1-М, 5-М, 6-М, 9-М, 11-М, 13-М].

2. Муаллиф дар кори рисолаи диссертатсионӣ чунин мешуморад, ки умуман такмил додани коркарди гумрукии мол дар асоси ташкили таъминоти моддию техникии хизматрасониҳои гумрукӣ таъсиси терминалхои наклиётиеро, ки дар гузаргохи сарҳади гумрукӣ воқеъ гардидаанд, талаб мекунад [1-М; 7-М, 11-М].

3. Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ аҳамияти мукаммалгардонии назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт мувофиқи матлаб ва мубрам дониста

мешавад. Дар робита ба ин, муаллиф дар кори диссертатсионӣ ҳисобҳои таҷрибавӣ анҷом дода, самтҳои асоснок ва пешниҳодшудаи рушди назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, баланд бардоштани сифати онҳо дар шароити узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо, Созмони умумиҷаҳонии гумрук ва имкониятҳои ворид шудани ҷумҳуриро ба Иттиҳоди гумрукии кишварҳои АвруОсиё барои давраи то соли 2030 пешниҳод кардааст. Аз ин рӯ, муаллиф самтҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ❖ Ташкили идоракунии амалиёти гумрукӣ тавассути барасмиятдарории саривақтии гумрукӣ ва назорати молу воситаҳои нақлиёт тавассути декларатсияҳои электронӣ ва рақамӣ.
- ❖ Баланд бардоштани шаффофияти иттилоотӣ дар кори хадамоти гумрук ва воҳидҳои раёсати минтақавии гумрук.
- ❖ Такмили механизми самаранокии татбиқи назорати гумрукӣ ва ташаккули шароити зарурии транзити гумрукии байналмилалӣ тавассути қаламрави ҷумҳурӣ.
- ❖ Татбиқи назорати гумрукӣ бо истифода аз усулҳои интихобӣ, истифодаи системаи идоракунии хавфи гумрукӣ, самаранокии қабули қарор оид ба иҷозати мол ба муомилоти озод дар ҷумҳурӣ.
- ❖ Таҳияи системаи гузаронидани назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт пеш аз иҷозат ва пас аз иҷозати мол.
- ❖ Баланд бардоштани нақши танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои гумрукӣ.
- ❖ Такмили кор оид ба мубориза бар зидди коррупсия ва хукуквайронкунӣ дар макомоти ҷумҳурӣ ва ғайра [1-М, 2-М, 3-М, 4-М, 6-М, 8-М, 9-М, 10-М, 11-М, -12-М, 13-М].

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои бадастомада дар амалияи хадамоти гумрук ҳангоми асосноксозӣ ва таҳияи рушди дурнамои рушди инноватсионии он, инчунин аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон истифода мешаванд.

Ғайр аз ин, тавсияҳои тахияшуда метавонанд хангоми татбиқи назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт бо назардошти хусусиятҳои хоси фаъолият ва рушди мақомоти гумруки дигар давлатҳо истифода шаванд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**(бо забони асл)**

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:


[1-М] Абдукодирзода Дж.К., Хусаинов М.К. Совершенствование таможенной переработки и осуществления таможенного контроля товаров и транспортных средств в Таджикистане» //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук №1 2023.-С. 171-175.

[2-М] Абдуқодирзода Ҷ.К. Истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукӣ дар Тоҷикистон//Вестник Таджикского государственного университета коммерции №4/1(38)2021. -С.128-130.

[3-М] Абдукодирзода Дж.К., Хикматов С.И. Исследование времени выпуска товаров при таможенном контроле в пунктах пропуска границы и терминалах в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского государственного университета коммерции №4(29)2019. -С.283-292.

[4-М] Абдукодирзода Дж.К. Экономико-математическое моделирование организации таможенного контроля товаров и транспортных средств на таможенных постах// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2020. №6.-С32-39.

[5-М] Абдукодирзода Дж.К., Гаюрова Р.С. Роль таможенной инфраструктуры в улучшении качества таможенного контроля в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского государственного университета коммерции №3(28)2019. -С.48-52.

**Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия:**

[6-М] Абдукодирзода Дж. К. Улучшение эффективности выполнения фискальной функции в таможенных органах на основе развития таможенного контроля// Развитие финансовой и банковской системы Республики Таджикистан в условиях глобализация // Материалы респ. науч. практ. конф. (г.Душанбе, 24 февраля 2020г.). – Душанбе: «ТГУК», 2020. -с.37-40.

[7-М] Абдукодирзода Дж.К., Раджабова Н.Р. Рушди раванди ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Материалы VII-ой межд. науч. практ. конф. (г.Душанбе,19-20 июня 2019г.) -С.178-183.

[8-М] Абдукодирзода Дж.К., Хикматов С.И. Совершенствование таможенного оформления и таможенного контроля в Республике Таджикистан//Развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше. Материалы межд. науч. практ. конф. (г.Душанбе,21-22 декабря 2018г.) -С.224-227.

[9-М] Абдукодирзода Дж.К., Шарифзода И.А Совершенствования таможенно-тарифного регулирования ВЭД в Республике Таджикистан //Развитие финансовой и банковской системы Республики Таджикистан в условиях глобализация. Материалы респ. науч. практ. конф. (г. Душанбе, 24 февраля 2020г.). – Душанбе: «ТГУК», 2020. – 87с. -С.9-13.

[10-М] Абдукодирзода Дж. К. Развитие системы оказания таможенных услуг участникам внешнеэкономической деятельности//Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики//Сборник материалов IX-ой международной научно-практической конференции: под общей редакцией д.э.н., профессора Раджабова Р.К. – Душанбе: ТГУК, 2021. – 348с.- С.141-144.

[11-М] Абдуқодирзода Ҷ.К., Мираков Қ.М. Такмили барасмиятдарории гумрукӣ дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ// Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ. Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 26 ноябри соли 2021). -Душанбе: ДДМИТ, 2021.-600с.-С.81-84.

[12-М] Абдуқодирзода Ҷ.К., Ҳикматов С.И., Давлатов З. Нақши танзимгари ваколатдори иқтисодӣ дар дар рушди хизматрасониҳои гумрукӣ//Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2022. - 479 с.-саҳ.383-386.

[13-М] Абдукодирзода Дж.К. Анализ современного состояния развития системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в Республике Таджикистан/Дж.К.Абдукодирзода //Актуальные вопросы таможенного дела и внешнеэкономической деятельности: проблемы и направления развития. Материалы Всероссийской науч. практ. конф (г. Курск, 19-20 апреля 2023г.). -Курск: ГОАУ ВО «Курская академия государственной и муниципальной службы»,2023.-С.343-348.

## АННОТАТСИЯ

**барои рисолаи Абдуқодирзода Ҷамшед Комил «Ташаккули низоми ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

*Калидвожаҳо:* хадамоти гумрукӣ, бозори хизматрасонии гумрукӣ, расмиёти гумрукӣ, молҳо, воситаҳои нақлиёт, назорати гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ, амсиласозии иқтисодӣ ва риёзӣ, логистика, дидбонгоҳи гумрукӣ, дурнамо

Мақсади кори диссертатсия асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба таҳияи системаи ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар шароити муносибатҳои бозорӣ мебошад.

Объекти тадқиқот хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Предмети тадқиқот муносибатҳои ташкилию иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд меоянд.

Соҳаи тақиқоти илмӣ ба бандҳои алоҳидаи Шиносномаи ихтисосҳои олимон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисоди соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.03 – Хизматрасонии нақлиётї ва гумрукї) мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия асосҳои илмӣ, назариявӣ ва методии моҳият, мазмун ва аҳамияти назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт таҳия гардида, хусусиятҳо ва мушкилоти назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар шароити амиқтар шудани дигаргуниҳои бозорӣ муайян карда шуда, ҳолат ва қонуниятҳои рушди низоми ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, омӯзиши вақти иҷозаи мол таҳти назорати гумрукӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳои Тоҷикистон гузаронида шуда, амсилаи иқтисодию риёзии ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ, стратегияи рушди ташкили назорати гумрукӣ, инчунин такмили ташкили таъминоти логистикии фаъолияти гумрукӣ ва оптимизатсияи назорати гумрукӣ, самтҳои асосии такмили низоми ташкили назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиётро дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешниҳод карда шудааст.

Ахамияти назариявй ва амалии рисола дар он аст, ки татбики хулосаҳо ва тавсияҳои асоснок ба инкишофи назарияи ташкили савдои байналмилалї ва гузаронидани назорати гумрукии молу воситаҳои наклиёт мусоидат мекунад.

Хулоса ва тавсияҳои асосие, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, дар раванди таълим барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи гумрук, инчунин Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди рушди ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт истифода шудаанд. Ѓайр аз ин, натиҷаҳои ба дастомадаро макомоти ҳокимияти маҳаллии хокимияти давлатии вилоятҳои ҷумхурї ҳангоми тартиб додани схемаҳои оқилонаи ҷойгиркунии мақомоти гумрук истифода бурда метавонанд.

## АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Абдукодирзода Джамшед Комил “Развитие системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в Республике Таджикистан»**

*Ключевые слова:* таможенная служба, рынок таможенных услуг, таможенные процедуры, товары, транспортные средства, таможенный контроль, таможенное оформление, экономико-математическое моделирование, логистизации, таможенный пост, перспективы

Цель диссертационной работы является теоретическое обоснование и разработка рекомендаций по развитию системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в условиях углубления рыночных отношений.

Объектом исследования является таможенная служба Республики Таджикистан. Предметом исследования являются организационно-экономические отношения, возникающие в процессе организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в условиях развития рыночных отношениях.

Область научных исследований оответствует пунктам Паспорта специальностей научных работников по специальности 08.00.05 – Экономика сферы услуг (08.00.05.03 – Таможенные и транспортные услуги).

В диссертации развиты научно-теоретические и методические основы сущности, содержание и значения таможенного контроля товаров и транспортных средств, выявлены особенности и проблемы таможенного контроля товаров и транспортных средств в условиях углубления рыночных преобразований, дана оценка состояния и закономерности развития системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств, исследование времени выпуска товаров при таможенном контроле в пунктах пропуска границы и терминалах Таджикистана, разработана экономико-математическая модель организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в таможенных постах, разработана стратегии развития организации таможенного контроля, а также совершенствована логистическая организация таможенного дела и оптимизации проведения таможенного контроля, обоснованы и определены основных направлений совершенствования системы организации таможенного контроля товаров и транспортных средств в Таджикистане на период до 2030г.

Теоретическая и практическая значимость работы заключается в том, что реализация выводов и обоснованных рекомендаций способствует развитию теорию организации международной торговли и проведения таможенного контроля товаров и транспортных средств. Основные выводы и рекомендации, изложенные в диссертации, использованы в учебном процессе по подготовке специалистов таможенного дела, а также Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан при развитии организации таможенного контроля товаров и транспортных средств. Кроме того, полученные результаты могут быть использованы местными органами государственной власти областей республики при разработке рациональных схем размещения таможенных органов.

**ANNOTATION**

**for the dissertation of Abdukodirzoda Jamshed Komil "Development of the system for organizing customs control of goods and vehicles of the Republic of Tajikistan"**

**Key words:** customs service, customs services market, customs procedures, goods, vehicles, customs control, customs clearance, economic and mathematical modeling, logistics, customs post, prospects

The purpose of the dissertation work is a theoretical justification and development of recommendations for the development of a system for organizing customs control of goods and vehicles in the context of deepening market relations.

The object of the study is the customs service of the Republic of Tajikistan. The subject of the study is the organizational and economic relations that arise in the process of organizing customs control of goods and vehicles in the context of the development of market relations.

The area of scientific research corresponds to the points of the Passport of specialties of scientists in the specialty 08.00.05 - Economics of the service sector (08.00.05.03 - Customs and transport services).

The dissertation developed the scientific, theoretical and methodological foundations of the essence, content and significance of customs control of goods and vehicles, identified the features and problems of customs control of goods and vehicles in the context of deepening market transformations, assessed the state and patterns of development of the system for organizing customs control of goods and vehicles. funds, study of the time of release of goods under customs control at border crossing points and terminals of Tajikistan, an economic and mathematical model for organizing customs control of goods and vehicles at customs posts, a strategy for the development of the organization of customs control, as well as improved logistics organization of customs and optimization customs control, substantiated and identified the main directions for improving the system for organizing customs control of goods and vehicles in Tajikistan for the period up to 2030.

The theoretical and practical significance of the work lies in the fact that the implementation of conclusions and sound recommendations contributes to the development of the theory of organizing international trade and conducting customs control of goods and vehicles.

The main conclusions and recommendations presented in the dissertation were used in the educational process for the training of customs specialists, as well as the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan in the development of the organization of customs control of goods and vehicles. In addition, the results obtained can be used by local government authorities of the regions of the republic in the development of rational schemes for the placement of customs authorities.

Подписано в печать 19.04.2024.
Формат 60x84 1/16. Бумага офсетная.
Тираж 100 экз. Усл.п.л. 2,0.
Отпечатано в типографии

Ба чопаш 19.04.2024 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ.
Адади нашр 100 нусха. 2,0 ҷузъи чопии шартӣ.
Дар матбааи .Тоҷир чоп шудааст.